*аз 13.08.2024, №15055/3.1.*

Сарраёсатҳо ва раёсатҳои
дастгоҳи марказии Кумитаи
андоз, мақомоти ҳудудии андоз

*“Оид ба низоми идоракунии
хавфҳои андоз”*

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати татбиқи амалии муқаррароти моддаҳои 82 - 83 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба арзёбии хавфҳои қонунвайронкуниҳои андоз дар фаъолияти андозсупорандагон, анҷом додани корҳои фаҳмондадиҳӣ ва тарғиботӣ бо андозсупорандагон ҷиҳати риояи талаботи қонунгузории андоз, баланд бардоштани руҳияи андозсупорандагон барои пешгирӣ ва бартараф намудани хавфҳои эҳтимолии қонунвайронкуниҳои андози дар фаъолияташон ҷойдошта, дастури мазкурро барои маълумот ва истифода дар коргузорӣ ирсол менамояд.

Дар боби 10 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади сари вақт ошкор, бартараф ва дар оянда пешгирӣ намудани қонунвайронкуниҳои андоз, ба танзим даровардани корҳои назоратӣ, кам кардани омилҳои инсонӣ дар муносибатҳои андозбандӣ, ҳавасманд намудани андозсупорандагони бомасъулият муқаррарот оид ба идоракунии хавфҳои андоз пешбинӣ шудааст.

**Таҳти мафҳуми хавфҳои андоз - эҳтимолияти пурра ё қисман аз ҷониби андозсупоранда (агенти андоз) ҳисоб ва пардохт накардани андозҳо, ки метавонад боиси ворид нашудани маблағҳо ба буҷети давлатӣ гардад, фаҳмида мешавад.**

Корҳои назоратии андоз дар фаъолияти андозсупорандагон, аз ҷумла санҷишҳои сайёри андоз вобаста ба сатҳи хавфҳои қонунвайронкуниҳои андоз банақша гирифта шуда, гузаронида мешавад.

Мутобиқ ба талаботи моддаҳои 82 - 83 Кодекси андоз ва Фармоиши Кумита аз 05.10.2022 №18 “Дар бораи меъёрҳои арзёбии дараҷаи хавфҳо” бо назардошти гуруҳбандии андозсупорандагон **(калон, миёна, хурд)** - 17 адад критерияҳо асосӣ ва иловатан бо тавсияҳои коршиносони Бонки Ҷаҳонӣ 72 критерияҳои иловагӣ роҳандозӣ гардидааст.

Тибқи барномаи Модули “Идоракунии хавфҳои андоз” пеш аз ҳама фаъолияти он андозсупорандагоне таҳти корҳои назоратӣ қарор дода мешаванд, ки мунтазам ба қонунвайронкуниҳои андоз роҳ медиҳанд, аз ҷумла вазни қиёсии андозҳои ҳисоб ва пардохт намудаашон дар соҳаи

фаъолият нисбатан паст мебошад, фаъолияташонро пайваста бо зарар ҷамъбаст менамоянд, бо мақсади саркашӣ аз ҳисоб ва пардохти андозҳо бо андозсупорандагони фаъолияташон моҳияти иқтисодӣ надошта амалиётҳоро ҳуҷҷатгузорӣ намудаанд, эъломияҳои андозро сари вақт пешниҳод наменамоянд, маблағҳои ҳисобшудаи андозҳоро пурра ва сари вақт пардохт наменамоянд ва ба дигар камбудиҳо роҳ додаанд.

Бо назардошти талаботи моддаҳои 47, 82, 83 Кодекси андоз ҳамасола санҷишҳои сайёри андоз дар асоси низоми идоракунии хавфҳо дар фаъолияти на зиёда аз 10% шумораи умумии андозсупорандагоне, ки дорои хавфи баланди қонунвайронкуниҳои андоз мебошанд, гузаронида мешаванд.

Ба ҳолати 01.01.2024 ва 01.07.2024 шумораи шахсони ҳуқуқии дар хавфҳои баланд ва миёнаи қонунвайронкуниҳои андоз қарор дошта, мутаносибан 9032 ва 8277 ададро ташкил дода, нисбат ба оғози соли андоз 755 адад кам гардидааст.

Дар давоми соли 2023 ҳамаги дар фаъолияти 3,2% (1322 адад) ва дар 7 моҳи соли 2024 - 2,5% (689 адад) андозсупорандагоне, ки дорои хавфҳои қонунвайронкуниҳои андоз мебошанд санҷишҳои сайёри андоз гузаронида шуда, мутаносибан 1300,0 млн. сомонӣ ва 763,6 млн. сомонӣ, дар маҷмуъ зиёда аз 2,0 млрд. сомонӣ (бо назардошти ҷарима ва фоизҳо) андозҳо илова ошкор, ҳисоб ва ба буҷет пардохт карда шудааст.

Бояд қайд кард, ки ҳангоми ба гуруҳи хавфи баланди қонунвайронкуниҳои андоз дохил шудани андозсупоранда ва то пешниҳоди огоҳинома оид ба таъин гардидани санҷишҳои андоз, бо роҳи пешниҳоди эъломияҳои иловагии андоз мустақилона бартараф намудани хавфҳои эҳтимолии андоз, дар фаъолияти чунин андозсупорандагон санҷишҳои андоз гузаронида намешавад.

Ё ин, ки аз ҷониби Кумитаи андоз давоми ҳафт моҳи соли 2024 дар фаъолияти андозсупорандагон 4933 адад назоратҳои камералӣ гузаронида шуда, дар натиҷа ҷой доштани хавфҳои қонунвайронкуниҳои андозро андозсупорандагон эътироф карда, ба маблағи зиёда аз 660 млн. сомонӣ эъломияҳои иловагии андозро ба мақомоти андоз пешниҳод ва андозҳои ҳисобшударо ба буҷет пардохт намудаанд.

Барои гузаронидани назоратҳои камералӣ ва таъин намудани санҷишҳои сайёри андоз, асосан чор критерия (таъмин накардани иҷрои огоҳиномаҳо аз натиҷаҳои назоратҳои камералӣ, паст будани нишондиҳандаи вазни қиёсии андозҳои ҳисобшуда дар соҳаи фаъолият, бе асос зиёд кардани таркиби хароҷотҳо, ки боиси кам ҳисоб шудани андози даромад гардидааст, анҷом додани амалиётҳо бо ширкатҳои фаъолияташон моҳияти иқтисодӣ надошта) сабаб гардида, бо ҷамъбасти натиҷаҳои назоратҳои камералӣ ва санҷишҳои андоз ҷой доштани

хавфҳои қонунвайронкуниҳои андоз дар фаъолияти андозсупорандагон дар аксар ҳолатҳо, тасдиқи худро ёфтааст.

Дар сурати аз ҷониби мақомоти ҳудудии андоз дуруст ба роҳ мондани корҳои фаҳмондадиҳӣ бо андозсупорандагон ва дар доираи талаботи муқаррарнамудаи Кодекси андоз таъмин намудани назорати риоя қонунгузории андоз дар фаъолияти онҳо имконият ҷой дошт, ки то бе татбиқи ҷарима ва фоизҳо қонунвайронкуниҳои андози ҷойдошта, бо роҳи пешниҳоди эъломияҳои иловагии андоз то гузаронидани санҷишҳои сайёри андоз бартараф карда шаванд.

Бинобар ин, сарраёсатҳо, раёсатҳои дастгоҳи марказии Кумитаи андоз ва мақомоти ҳудудии андоз вазифадор ва огоҳ карда мешаванд, ки мактуби дастурии мазкурро дар коргузорӣ истифода карда, муҳтавои онро ҳангоми гузаронидани ҷаласаҳаи корӣ ба маълумоти зердастон ва дар муносибатҳои андозӣ ба саҳми андозсупорандагон расонанд.

Дар мавриди гузаронидани корҳои назоратӣ талаботҳо оид ба корҳои назоратӣ, ки дар Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардида, бо фармоишҳои дахлдори Кумитаи андоз ба танзим даровrouta шудааст, ҳатман риоя намоянд.

Раис Н.Давлатзода